# Суратҷаласаи №5

## аз ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-038

аз 9-уми декабри соли 2022 ш. Душанбе

Дар ҷаласа аз 15-нафар аъзои шӯрои диссертатсионӣ, ки бо фармони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 8-уми апрели соли 2022 таҳти №119 тасдиқ шудааст, 11-нафар иштирок доштанд. Аз ин микдор 4 нафар доктори илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси рисолаи мавриди муҳокима қарордошта, дар ҷаласа ҳузур доранд.

Пешниҳод аст, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Дигар пешниҳодҳо нест? Нест. Кушодашавии ҷаласа якдилона кабул карда шуд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Барои ҳимояи такрорӣ иҷозат додани рисолаи номзадии Бобоев Ҷурабой Абдусаломович дар мавзӯи «Гулсангҳои қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника.

Комиссияи ташхисӣ дар ҳайати раис д.и.б., профессор Давлатзода С.Х. аъзои комиссияи ташхисӣ н.и.б. Холова Ш.С. ва н.и.б. Кароматуллои Қурбон аъзои шӯрои диссертатсиониро бо хулосаи комиссия шинос намуданд.

**Қарор карда шуд:**

Рисолаи номзадии Бобоев Ҷурабой Абдусаломович дар мавзӯи «Гулсангҳои қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника барои ҳимояи такрорӣ иҷозат дода шавад.

**Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:**

1. **Наврузшоев Довутшо** - доктори илмҳои биологӣ, профессор, ходими пешбари илмии Институти биологии Помир ба номи Х. Ю. Юсуфбекови АМИТ;
2. **Ниятбеков Тоирбек Потшоевич** - номзади илмҳои биологӣ, мудири кафедраи гистологияи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино.

**Муассисаи муқарриз таъин карда шавад:**
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

1. Ба сомонаи ДМТ ва сомонаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир кардани матни автореферат ва эълон оид ба ҳимояи такрорӣ иҷозат дода шавад.
2. Нашри автореферат ба миқдори 100 нусха иҷозат дода шавад.
3. Рӯзи ҳимояи такрорӣ 16-уми феврали соли 2023 муқаррар карда шавад.
   Натиҷаи овоздиҳӣ: якдилона қабул гардид.

Раиси шӯрои диссертатсионӣ,
д.и.б., профессор Эргашев А.

Котиби илмии шӯрои
диссертатсионӣ, н.и.б. Иброгимова С.И.